Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 марти соли 2003 № 90
тасдиқ шудааст

**Тартиби кори ташкилотҳое, ки холискории металлҳои қиматбаҳоро анҷом медиҳанд**

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.05.2013 № 222, аз 9.02.2016 № 63)

1. Тартиби мазкур ба ташкилотҳое, ки холискории металлҳои қиматбаҳоро сарфи назар аз шакли моликияташон (минбаъд - ташкилотҳои холискор) анҷом медиҳанд, дахл дорад.

2. Ташкилотҳои холискор хизмати тозакунии металлҳои қиматбаҳои аз омехтаҳо ҷудо карда гирифташуда ва ҷузъиёти изофашуда, сифатноккунии металлҳои қиматбаҳо аз рӯи стандартҳои давлатӣ, соҳавӣ ва шартҳои техникӣ дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалӣ амалкунандаро адо мекунанд.

3. Ташкилотҳои холискор ва дорандаи ашёи минералӣ ва ё дуюмдараҷаи металлҳои қиматбаҳо (минбаъд - ашё) дар байни ҳамдигар чунин қарордоде имзо мекунанд, ки бояд дар он ба таври ҳатмӣ чунин масъалаҳо пешбинӣ шуда бошанд:

- дар дасти дорандаи ашё будани асноди муассисӣ ва иҷозатномаи ҳуқуқӣ барои амалиёт бо металлҳои қиматбаҳо;
- ҷадвал ва ҳаҷми расондани ашёи холисшаванда;
- ҳадди қобили қабули ғализоти моводи зарарнок дар ашёи холисшаванда буда;
- номнависии ҳар дастаи ашёи хоми холисшаванда;
- тартиби қабули комиссионии ашёи холисшаванда, аз ҷумла барои намунагирии назоратӣ;
- мӯҳлатҳои гузаронидани холискорӣ (бо назардошти технологияи истеҳсол, кор аз рӯи иқтидорҳои истеҳсолӣ), мӯҳлати додан ва номгӯи маҳсулоти тайёри мутобиқи стандартҳои давлатӣ, соҳавӣ ва шартҳои техникии дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ва ё стандарти байналмилалӣ;
- меъёрҳои баргардонидани партовҳои ба қиём расидаи (кондитсионӣ) металлҳои қиматбаҳои дар натиҷаи холискорӣ пайдо шуда;
- тартиби пардохти хадамоти ташкилотҳои холискор;
- ном ва нишонаҳои ташкилотҳои гирандаи металлҳои қиматбаҳои холискардашуда;
- маълумот оиди дар соҳиби ашё мавҷуд будани ӯҳдадорӣ дар бораи таҳвил додани металлҳои қиматбаҳо;
- меъёрҳои масъулияти тарафайн барои вайронкунии шартҳои қарордод;
- тартиби ҳалли ихтилофҳо;

4. Ташкилотҳои холискор бояд баромади ҳадди аксари металлҳои қиматбаҳоро аз ашёи хом, мутобиқи меъёрҳои технологӣ таъмин намоянд.

Дар вақти вайронкунии меъёрҳои муқарраршуда ва стандартҳои сифати маҳсулотҳои тайёр, ба ташкилотҳои холискор, мувофиқи қонунгузории амалкунанда чораҳо дида мешаванд.

5. Партовҳои боқимондае, ки аз онҳо баромади металлҳои қиматбаҳо ғайриимкон аст, бо тартиби муқарраргардида аз ҳисоб соқит карда шуда, ба

партовгоҳҳои корхонаҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ ҳамлу нақл карда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 9.02.2016 № 63)*.

6. Воридот аз фурӯши партовҳои аз нав коркардашудаи металлҳои қиматбаҳо дар байни ташкилотҳои холискор ва соҳиби ашё бо тартиби дар шартнома муайяншуда тақсим карда мешавад.

7. Ташкилотҳои холискор ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.05.2013 № 222*):

- маълумоти ҳармоҳа оиди миқдор, аз он ҷумла бо ифодаи пулӣ, оиди металлҳои қиматбаҳои истеҳсолшуда, дар шакли муқарраргардида;
- балански солонаи металлургии металлҳои қиматбаҳо;
- маълумот оид ба миқдори шартномаҳои бо дорандагони ашёи хом басташуда ва оид ба ҳаҷми пешбинишудаи таҳвили молҳои тайёр - дар ҳолати 1 январ ва 1 июли соли ҷорӣ.

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 марти соли 2003 № 90
тасдиқ шудааст

**Номгӯи ташкилотҳое, ки дорои ҳуқуқи холискории металлҳои қиматбаҳо мебошанд**

Корхонаи воҳиди давлатии "Фулузоти нодири Тоҷикистон - 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Чкалов, кӯчаи Опланчук, 12, тел.: (8-34-51) 5-92-45, 5-94-41, факс: 5-09-45, 5-22-54 *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 9.02.2016 № 63)*.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Корхонаи муштараки "Зарафшон", 735512, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Панҷакент, шаҳраки Суғдиён, телефон (код 8 3475) 5-60-78 (факс) 543-49, 5-24-99 (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.05.2013 № 222*).

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Пакрут", 735400 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти "Баҳор", телефон (48-701-1410) *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 9.02.2016 № 63)*.